«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
_______________________ХушвахтзодаҚ.Х.
«___»_______________с.2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзӯи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05. – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) (илмҳои педагогӣ)**

Дар ҷаҳони муосири бо суръат тараққиёбанда фаъолият ва рушди соҳаи маорифро бе истифодаи воситаҳо ва технологияҳои муосири иттилоотӣ - коммуникатсионӣ тасаввур кардан имконнопазир аст. Рушди бонизоми истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилот ва мутобиқ намудани он ба стандартҳои байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Тайи солҳои охир инкишофи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла илму маорифро хеле боло бурдааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати тараққӣ ва рушдёбии самти мазкур тадбирҳои муҳим андешида, бо роҳандозӣ гардидани барномаҳои мушаххаси давлатӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020 - 2040-ро «Бистсолаи рушди омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» пешниҳод намуданд, ки он ба рушди эҷодӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва донишу тафаккури техникӣ донишҷӯёну аҳли ҷомеа мусоида намуда, барои тайёр кардани мутахассисони рақобатпазир ва муваффақ дар ҷомеа имрӯза мусоидат менамояд.

Қабул ва мавриди амал қарор додани Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Барномаи давлатии "Рушд ва татбиқи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар Тоҷикистон" ба рушди соҳаи маориф ва ташаккули тафаккури техникии донишҷӯён мусоидат менамояд.

Таҳқиқу пажӯҳиши рушди эҷодкории донишҷӯён бо истифодаи самараноки технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар илми педагогика масъалаи муҳим ва актуалӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар рушди эҷодкорӣ ва раванди омӯзиши фанҳои табиӣ-риёзӣ қобилиятҳои донишҷӯёнро такомул дода, барои тайёр кардани мутахассисони касбӣ нақши муҳим мебозад.

Диссертант дар рисолаи таҳиянамуда оид ба коркард ва ворид намудани ғояҳои нав дар рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути истифодаи технологияи иттилоотӣ ва комуникатсиониро ва мутобиқ намудани он ба талаботи муосир дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти касбӣ таҳқиқотро ба анҷом расонидааст.

**Мавзӯи таҳқиқот ва муҳимияти он дар илми педагогика.** Дар шароити муосир тарбияи шахси ташаккулёфтаю рақобатпазир ва худшиносу худогоҳ яке аз меъёрҳои асосии муассисаи таҳсилотӣ ба ҳисоб рафта, истифодаи усулҳои нави мукаммалгардонии таҳсилотро бо истифодаи технологияи муосири иттилоотию коммуникатсионӣ тақозо менамояд. Эҷодкорӣ ба рушди ҳаматарафаю бемайлони тафаккур, қобилияти инфиродӣ, тасаввурот, ирода, ташкилотчигӣ, баландшавии шавқу завқи донишҷӯён мусоидат намуда, ба онҳо имконияти гирифтани донишҳои муҳим ва заруриро оид ба олам, табиат ва ҷамъият медиҳад.

Аз ҷониби муаллиф таҳқиқи муносибати нави педагогӣ ба раванди рушди эҷодкории донишҷӯён дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва коммуникатсионӣ, муайян намудани намунаи ҳалли масъалаи зеҳнӣ ва мувофиқшавии натиҷабахши барномаҳо пешниҳод карда шудааст. Дигар хусусияти муҳими таҳқиқот он аст, ки муаллиф кӯшиш намудааст, ҷанбаҳои педагогии баланд бардоштани сифати дониши донишҷӯёнро коркард намуда, натиҷаҳои ин таҳқиқотро барои истифода дар раванди машғулиятҳо аз фаннҳои табиатшиносӣ тавассути технологияи иттилоотӣ - коммуникатсионӣ омода намояд.

**Навоварии таҳқиқот** аз инҳо иборат аст: асосноккунии илмии муносибати нав оид ба рушди эҷодкории донишҷӯён ба шароити педагогии ҷиҳати сайқали шахсияти донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, асосноккунии мундариҷаи раванди омӯзиши донишҷӯён ва истифодаи методҳо ва воситаҳои рушди эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиатшиносӣ дар раванди таълим асос ёфтааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** ба омӯзиши асарҳои ба қонуниятҳои педагогии ташкили раванди таълим ва эҷодкории донишҷӯён бахшида шуда, аз омӯзиш ва асосноккунии назариявию амалии шароити педагогӣ ҷиҳати рушди фардии донишҷӯён бо истифодаи технологияҳои

иттилотию коммуникатсионӣ, ошкор намудани вобастагии самаранокии низоми омӯзишӣ аз шароитҳои ташкилшуда барои азхудкунии барномаи омӯзишӣ аз табиатшиносӣ ва қобилияти онҳо иборат аст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки тавсияҳои методии коркардшуда оид ба мукаммалгардонии раванди таълими фаннҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, сатҳи сифатии фаъолияти истифодаи технологияи иттилоотии муосир ҷиҳати ба даст овардани донишҳои нав вобаста ба омӯзишӣ фанни табиатшиносӣ ба маврид истифода мешавад ва барои рушди эҷодкории донишҷӯён соҳаҳои педагогика, психология ва фаннҳои табиатшиносӣ аз аҳамият холӣ нест.

**Воқеияти натиҷаҳои таҳқиқот** бо мавҷудияти заминаи васеи назариявию амалӣ, такя ба корҳои илмии бунёдии соҳаҳои педагогикаи умумӣ, касбӣ, фаннҳои табиатшиносӣ, методҳои умумии таҳқиқотӣ, дарозмуддат будани таҳқиқот, назорати амалии масъалаҳои таҳқиқоти рисолавӣ, натиҷаҳо, таҳлили воқеии кори таҷрибавӣ, иштироки шахсии муаллиф дар корҳои таҷрибавӣ ва ҳамчунин, мувофиқати дастгоҳи илмӣ ва методикаи тадқиқи нишондиҳандаҳои ибтидоии он дар рушди эҷодии донишҷӯён аз фанҳои табиатшиносӣ бо истифодаи технологияи муосири коммуникатсионӣ таъмин карда шудааст.

Ба ҳимоя масъалаҳои зерин бароварда шудаанд:

1. Мушаххас намудани мафҳуми илмии "рушди эҷодкории донишҷӯён";

2.Нишон додани нақши технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар рушди эҷодкории донишҷӯ ён дар машғулиятҳои фанҳои табиатшиноӣ;

3. Муайян намудани самаранокии корҳои озмоишӣ - таҷрибавӣ оид ба рушди эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фаннҳои табиатшиносӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ.

Ҳамзамон, тавсияҳои методӣ ва таҳияи барномаи рушди эҷодкории донишҷӯён метавонанд, дар раванди омода намудани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, инчунин дар фаъолияти омӯзгорон истифода шаванд.

Диссертант аз рӯйи мавзӯи тадқиқотии мазкур 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайдгирифта шуда, инъикос ёфтаанд.

Рисолаи мазкури тадқиқотӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Ҳамзамон аз рисола 4 ҷадвал ва 11 расм иборат аст.

Автореферати диссертатсия пурра моҳият ва муҳтавои

диссертатсияро ифода намуда, бобу фаслҳои он тибқи муқарароти расмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, мураттаб гардидааст.

Дар муқаддима тавсифи умумии таҳқиқот зикр ёфтааст, ки барои пешрафт ва рушду такомули ҷомеа муҳим мебошад.

Боби якуми диссертатсия ба моҳият, ҷузъҳо ва хусусиятҳои рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ тавассути ТИК иборат буда, масъалаи рушди эҷодкории донишҷӯён дар адабиёти психологӣ ва педагогӣ; идеяи пешбар ва омилҳои асосие, ки ба рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ таъсир мерасонанд ва намунаи рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ тавассути ТИК оварда шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия оид ба тадқиқ, омӯзиш ва баррасии масъалаи «Технологияи рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарсҳои фанҳои табиатшиносӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» сухан меравад. Диссертант хусусияти шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарсҳои табиатшиносӣ тавассути воситаҳои ТИК; технологияи татбиқи модели рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ тавассути ТИК; санҷиши таҷрибавии самаранокии модели рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ тавассути ТИКро мавриди тадқиқ қарор додааст.

Корҳои таҷрибавӣ – озмоишӣ оид ба апробатсияи модели таҳияшудаи эҷодкории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ аз моҳи сентябри соли 2018 то майи соли 2022 дар заминаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ва Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров гузаронида шуда, дар омӯзиш 847 нафар донишҷӯён ва 36 нафар омӯзгорон иштирок карданд.

Гурӯҳи таҷрибавӣ аз 30 нафар донишҷӯе иборат буд, ки дар соли таҳсили 2018/2019 дохил шуданд ва гурӯҳи назоратиро гурухи 28 н. ташкил додааст, ки ба назари инҷониб нокифоя аст. Диссертант метавонист, бо истифода аз имкониятхо ба гурӯхи таҷрибавӣ аз теъдодии умумии интирокчиёни омӯзиш, ду дарсади онҳоро ҷалб менамуд, ки сифати рисола ва натиҷаи тадқиқотро боз ҳам мушаххастар менамуд.

Кори диссертатсионии Давлатов Давлат Амриддинович тадқиқотест, ки бешубҳа аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи педагогикаи муосири тоҷик дорад ва муаллиф худро ҳамчун муҳаққиқи қобилиятнок ва касбӣ

нишон додаст. Рисола аз ҷиҳати мантиқӣ кори баанҷомрасидаи асоснок ва нав дар соҳаи педагогикаи касбӣ мебошад.

Дар хулосаи автореферат диссертант маводи арзишноки ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии омӯзишро дар раванди рушди эҷодии донишҷӯён оварда, барои рушд ва истифодаи минбаъдаи васеи технологияҳои муосир дар раванди таълими фанҳои табиатшиносӣ пешниҳодҳои муфид намудааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар таълифи рисолаи мазкур аз ҷониби диссертант Давлатов Давлат Амриддинович якқаттор камбудиҳо ҷой дорад, ки он мазмун ва мундариҷаи рисоларо кам намекунад:

1. Хуб мешуд, ки диссертант дар кори илмӣ ва таҳқиқотии худ агар ба таври мушаххас имконияти фардии донишҷӯёнро дар раванди омӯзиши фанни табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ) мушаххас таҳлил ва натиҷагирӣ менамуд.

2. Дар рисолаи мазкур роҳҳои ташкил ва таъсири муносибати инфиродӣ ба рушди эҷодии донишҷӯён ба таври васеъ ва амиқ шарҳ дода нашудааст, ки ин ба сифати кор бетаъсир намемонад.

3. Дар рисолаи мазкур роҳҳои ташкил ва таъсири муносибати корҳои амалии гурӯҳҳои академӣ ва коллективи донишҷӯён, инчунин нақши омӯзгорони фаннҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мавриди тадқиқот қарор гирифташуда бошад, вале ба таври васеъ ва амиқ шарҳ дода нашудааст, ки ин ба сифати кор бетаъсир намемонад.

4.Дар рисолаи тақиқотӣ диссертант теъдоди умъумии иштирокчиёни омӯзиш 847 нафар донишҷӯ ва 36 нафар омӯзгорро фаро гирифта аст. Хуб мешуд, ки теъдоди фарогиро дар корҳои таҷрибавӣ ва дар гурӯҳи назоратӣ зиёдтар менамуд, ки сифати рисола ва натиҷаи тадқиқотро баланд менамуд.

5.Шакли тоҷикии рисола ва автореферат аз хатоҳои имлоӣ, грамматикиву услубӣ ва техникӣ холӣ набуда, бори дигар таҷдиди назар намудан зарур аст.

Ин пешниҳодҳо арзиши илмии рисоларо кам намекунад. Диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки диссертатсияи Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзӯи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» ба бандҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Давлатов Давлат Амриддинович сазовори

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ(13.00.08.05. - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) сазовор мебошад.

Рисолаи мазкур дар шурои илмӣ – назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ баррасӣ карда шуд. Аъзоёни кафедра (шуро – 11 нафар) якдилона барои рисолаи мазкурро ба дифоъ пешниҳод намуданд, овоз доданд.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби доктори илмҳои педагогӣ, профессор А. Мирализода омода карда шуда, дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТаз 25 уми январи соли 2023 (суратмаҷлиси № 6) бо иштироки довталаб муҳокима ва тасдиқкарда шудааст.

**Раиси ҷаласа**, мудири кафедраи педагогика,
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор А Мирализода

**Ташхисгар**,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Л. Назирӣ

Котиби ҷаласа С. Назарова

Имзоҳои А. Мирализода, Л. Назирӣ ва С. Назароваро тасдиқ мекунам.

Сардори РК ва КМ
ДМТ Э.Ш. Тавқиев

01-02-2023